«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э. С.
________________
«19» июни соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич** соли 1982 факултети забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2012 то соли 2019 ба ҳайси ассистент ва аз соли 2019 то имрӯз дар вазифаи муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ **Кӯчарзода Аламхон** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06.12.2016, қарори №4 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич 20-уми ноябри соли 2023, №139 шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Аз оғози солҳои шастуми садаи XX дар адабиёти тоҷик иқдоми тозаи навҷӯӣ ва эҷоди қолабҳои озоди шеърӣ расм шудан гирифтанд. Дар ин радиф таъсири қолабҳои суннатӣ дар эҷод ва навангезӣ аз адабиёти Эрону Афғонистон ба адабиёти солҳои шастуму ҳафтодуми тоҷик басо назаррас гардид. Шоирони тоҷик ба зудӣ ба чунин равиши тозаи эҷодӣ рӯ оварда, бо

истифода аз муҳити созгори эҷодӣ ба як қатор дастовардҳои адабӣ ноил гардиданд. Агар пешоҳангони ин иқдоми эҷодӣ Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат бошанд, дар солҳои минбаъда адибоне ба монанди Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Гулрухсор, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон ин равияи эҷодиро хуш истиқбол карда, ба навпардозию навгӯиҳо даст ёфтанд.

Яке аз адибоне, ки майлҳои худшиносӣ ва тозаҷӯию навгароӣ дорад, Алимуҳаммад Муродӣ мебошад. Алимуҳаммад Муродӣ дар рушду таҳаввули адабиёти давраи нави тоҷик саҳми назаррас дошта, дар тасвиру тавсифи Ватан, шинохти муқаддасоти он, арзишҳои миллию таърихии фарҳанги ниёгон ва тараннуми ғояҳои олии инсонӣ нақши қалами хотирмон дорад. Ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ҳам дар шаклҳои шеъри суннатӣ – ғазал, достон, мусаммат, маснавӣ, рубоию дубайтӣ ва ҳам дар шаклҳои шеърии нав – чаҳорпора ва арузи нав эҷод шуда, аз лиҳози мундариҷа ва сабки нигориш ҷолиби диққат ва қобили мулоҳиза мебошанд. Аз ҳамин лиҳоз, дар шакли рисолаи илмӣ ба таҳқиқ гирифтани чунин масоил на танҳо мавқеи шоирро дар назми муосири тоҷик муайян менамояд, ҳамчунин, аз ҷумлаи **мавзуъҳои мубрам** буда, ба ҳалли масъалаҳои анъана ва навоварӣ дар жанру вазни шеър ва дигар паҳлуҳои назариявии адабиёти тоҷик ёрӣ мерасонад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажӯҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти халқҳои ИДМ, муқаддимаи адабиётшиносӣ, назмшиносӣ ва назарияи адабиёт метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани мавзуъ, муҳтаво ва хусусиятҳои сохторию мансубияти жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродиро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

- баррасии мухтасари зиндагиномаи Алимуҳаммад Муродӣ дар асоси ёддошти худи адиб ва таълифоти ҳамқаламону муҳаққиқони осори шоир;
- омӯзиши оморӣи осори бадеии адиб;
- муайян намудани ҷанбаи мавзуии ашъор вобаста ба шароити таърихии давр;
- таъини хусусиятҳои мавзуии ашъории шоир, аз ҷумла мавзуъҳои Ватан, бачагӣ, ситоиши модар, тараннуми ишқу муҳаббати инсонӣ;
- таҳлилу таҳқиқи ашъори шоир аз нигоҳи мансубияти жанрӣ ва ашъори суннатии адиб;
- муайян намудани мавқеи шеъри нав ва чаҳорпора дар эҷодиёти шоир;
- муайян намудани мавқеъ ва нақши шеъри озоду ашъори тасвирӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ;
- баррасии масъалаи истифодаи баҳрҳои аруз дар шеъри шоир.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** маҷмуаҳои шеърии Алимуҳаммад Муродӣ – «Дастниҳол», «Нози Наврӯз», «Роҳи руҳ», «Чароғи рӯзадор», «Хайрбоди баҳор», «Моҳи хасрав», «Боғи мурод», «Шафақи субҳ» ва хусусан, китоби «Сунбулкон», ки соли 2018 ба чоп расидааст, истифода шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ва осори пажӯҳишии марбут ба шинохти шеър самаранок истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро дастовардҳои илмии донишмандон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, бахусус, асару мақолаҳои Сируси Шамисо, Алиасғари Шеърдӯст, Муаззама Иқболӣ, Абдулҳусайни Заринкӯб, Г. Н. Поспелов, М. Р. Рейснер, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Худой Шарифов, Раҳими Мусулмониён, Аламхон Кӯчарзода, Абдулҳай Маҳмадаминов, Муҳаммадюсуф Имомзода, Матлубаи Мирзоюнус, Мисбоҳиддин Нарзиқул ташкил медиҳад. Дисертатссия дар асоси методҳои

муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ, омӯзиши типологии жанрҳо ва консепсияи таҳлилу таҳқиқи асари бадеӣ таълиф ёфтааст

**Навгонии илмии кори таҳқиқӣ** дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи мукаммал оид ба зиндагинома, осор, мавзую муҳтаво ва хусусиятҳои сабкию бадеии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ мебошад. Воқеан, ки Алимуҳаммад Муродӣ дар ҳаёти адабию фарҳангии кишварамон иштироки фаъол дошта, дар рушду таҳаввули назми нимаи дуюми садаи XX ва адабиёти замони Истиқлоли тоҷик саҳми назаррас дорад. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навпардозиҳои шоир дар тасвири бадеӣ, махсусан, дар арузи нав, силсилаи шеърҳо ва ашъори ғиноӣ ба шакли возеҳ намоён мегарданд.

Диссертатсияи номзадии Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои муаллиф ҷанбаҳои назарии омӯзиши назми даврони шуравӣ ва замони Истиқлоли тоҷикро дар мисоли ашъори Алимуҳаммад Муродӣ тақвият бахшида, дар таъини арзишҳои ҳунарию адабӣ, зебоишинохтӣ ва дигар вижагиҳои эҷодиёти ӯ метавонад ҳамчун маводи назарӣ хидмат намояд.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолаҳо ва дар пажӯҳиши паҳлуҳои омӯхтанашудаи шеъри давраи шуравӣ ва замони Истиқлол, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба назми адабиёти муосир, махсусан, осори Алимуҳаммад Муродӣ, таҳқиқи равишҳои таълиф ва таъини арзишҳои ҳунарию адабии осори шоирони алоҳида метавон мавриди истифода қарор дод.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Ҳасанов Исматулло дар 4 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, **теъдод ва муҳтавои онҳо** ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Кӯчаров, А., Ҳасанов, И. Мавқеи ғазал дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ / А. Кӯчаров, И. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/9 (185). – С. 272-275.

[2-М]. Ҳасанов, И. Ҷойгоҳи рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/4. – С. 207-210.

[3-М]. Ҳасанов, И. Шеъри нав ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1 – С. 214-217.

[4-М]. Ҳасанов, И. Истиора ва вижагиҳои он дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ // Ахбори АМИТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – № 2 (271). – С. 234-238.

Таъини арзишҳои ҳунариву адабӣ, зебоишиносӣ ва дигар вижагиҳои эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ барои рушди адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла таърих, фалсафа, этика ва эстетика, забоншиносӣ, рӯзноманигорӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқшаванда, маъруза дар конференсияҳои сатҳи гуногун, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия собит менамоянд. Масъалаҳои асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ гардида, довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси сарчашмаҳои адабӣ ва осори назарӣ хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродиро арзёбӣ намуда, ҷойгоҳ ва нақши шоирро дар рушди назми муосири тоҷик нишон додааст. Натиҷаи асосии таҳқиқ дар диссертатсия, автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич дар мавзуи **«Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти

тоҷик; равобити адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №12 аз 11.06.2024.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва
адабиёти навини форсии тоҷикӣ Муҳаммадизода Қ.М.

Котиби илмӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Бобомаллаев И.Ҷ.

Имзоҳои Муҳаммадизода Қ.М. ва
Бобомаллаев И.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
«19» июни соли 2024